

# Бахши II

## КОНСЕПСИЯИ САВОДНОКИИ ИТТИЛООТӢ

## Бахши 2. Консепсияи саводнокии иттилоотӣ

### 2.1. Мафҳуми иттилоот

Иттилоот мафҳуми хеле васеъ аст. Калимаҳои арабии «хабар», «ахбор», «маълумот» ва ғайра баъзе паҳлӯҳои мафҳуми иттилоотро маънидод менамоянд, вале ягонтои он ин калимаро пурра иваз карда наметавонанд. Масалан, сигнали ягон датчик ё бӯйи ягон таъомро иттилоот гуфтан мумкин аст, вале иттилоотро на [66].

Мафҳуми иттилоот аз калимаи лотинии information сарчашма гирифта, маънои маънидодкунӣ, фаҳмондадиҳӣ, баёнкунӣ, хабардоркунӣ ва ғайраро дорад. Одамон иттилоотро ба ҳамдигар бо тарзҳои шифоҳӣ, хаттӣ ё дар намудҳои имову ишоратӣ ва ё аломатӣ мерасонанд. Инсон ҳар гуна иттилоотро аввал худаш дарк мекунад ва баъд онро ба дигарон ирсол медиҳад [11; 12; 15; 16; 21].

Мо иттилоотро аз китобҳои таълимию илмӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ва намоишномаҳои телевизиониву кинофилмҳо мегирем. Онро дар дафтар ё конспектҳоямон қайд менамоем. Дар фаъҳолияти истеҳсолӣ, мо иттилоотро дар намуди матну нақшаҳо, маълумотномаву ҳисоботҳо, ҷадвалҳо ва дигар намуди ҳуҷҷатҳо ба қайд мегирем, ё интиқол медиҳем. Чунин намуд иттилоотҳоро бо ёрии компютер низ ба қайд гирифта, кор карда баромадан ва интиқол додан мумкин аст.

Новобаста аз намуди тасвиршавиаш, иттилоот ҳамеша маълумот дар бораи ягон шахс ё ягон чиз аст. Вай ҳодисаҳои дар ҳаёти мо аллакай рӯйдода ё рӯйдиҳандаро инъикос менамояд. Масалан, мо дирӯз кадом корҳоро анҷом додем, ё пагоҳ бо чӣ корҳо машғул мешавем, мисолҳои иттилоот шуда метавонанд. Дар ин мавридҳо бояд иттилоот ҳатман дар ягон шакли мушаххас – ҳикоя, расм, мақола, шеър ва ғайра тасвир гардад, ё ба қайд гирифта шавад. Асарҳои мусиқӣ ва графикӣ, китобу мусаввараҳо, спектаклу кинофилмҳо – шаклҳои гуногуни тасвири иттилоотро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, иттилоот дар ҳар гуна шакл – инъикоси дунёи воқеӣ ё хаёлӣ мебошад. Аз ин рӯ, иттилоотро ҳамчун инъикоси ҷаҳони моддӣ дар шакли аломатҳо ва сигналҳо тасвир кардан мумкин аст. Вале ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки таърифи мутлақо аниқи иттилоот вуҷуд надорад. Вай ҳамчун мафҳумҳои нуқта ё ҳамворӣ дар геометрия ва ё адад дар математика мафҳуми ибтидоӣ аст. Иттилоотро чунин маънидод кардан мумкин аст:

Иттилоот маълумот дар бораи ягон ҳодиса, предмет, шахс, рӯйдод ва умуман муҳити атроф аст, ки сатҳи номуайянии дониши инсонро дар ҳамон самти омӯзиш кам менамояд.

Бояд гуфт, ки иттилоот объекти моддӣ нест:

- Ҳангоми ирсол аз як ҷой ба ҷои дигар, иттилоот дар ҷои пешинааш низ боқӣ мемонад.
- Барои ирсол додан иттилоот бояд дар ягон барандаи моддӣ тасвир карда шавад.
- Новобаста аз намуди баранда, миқдори иттилоот бетағйир мемонад.

Тасвири моддӣ, энергетикӣ ва информатсионии олам. Инсоният дар тӯли мавҷудияти худ як зумра инқилобҳои илмию техникиро паси сар намудааст, ки ҳар кадомашон дар камолот ва худшиносии он нақши амиқро боқӣ гузоштаанд. Масалан,

асри сангӣ ба пайдоиши аввалин олоти меҳнат сабаб гашт, асри бирингӣ ба азхудкунии гудохтани металл овард, асри чарх ба пайдоиш ва истифодаи аробаю автомобил, асри барқ ба офариниш ва истифодаи энергияи беҳамтои барқӣ, асри ядроӣ ба инкишофи омӯзиши кайҳон ва энергетикаи атомӣ сабаб гаштаанд, ки онҳо меҳнати фикрию ҷисмонии инсонро миллионҳо маротиба осон гардонидаанд. Имрӯзҳо мо зуд-зуд дар хусуси асри информатсионӣ сухан меронем.

Дар ҳақиқат асри XXI асри информатика ва технологияҳои информатсионӣ мебошад. Дар ин аср тамоми самтҳои фаъолияти инсон аз дастовардҳои техникаи компютерӣ ва технологияи навтарини коркарди иттилоот баҳравар мегардад. Омилҳои сегона, яъне модда-энергия-иттилоот ба зумраи он ғизоҳое табдил мeёбанд, ки инсони қарни нав мазмуну мундариҷаи ҳаёт ва фаъолияти ақлонию ҷисмонии худро дар такя ба онҳо ба низом медарорад [11-22].

***Намудҳои иттилоот:***

Гарчанде инсон иттилоотро амалан бо тамоми узвҳои ҳиссиёти худ қабул намояд ҳам, вале ҳоло вай коркарди компютерии на ҳама намудҳои иттилоотро аз худ намудааст. Масалан, идроки эстетикӣ ё муносибати байни одамон аз зумраи он проблемаҳоеанд, ки коркарди компютерии онҳоро вақт интизор аст. Дар замони мо компютер дар коркарди намудҳои зерини иттилоот ба таври васеъ ба роҳ монда мешаванд:

иттилооти матнӣ;
иттилооти ададӣ;
иттилоот дар бораи таърихи рӯз ва вақт;
иттилооти сабти садоӣ;
иттилооти графикӣ, аниматсия ва видеофилмҳо;
иттилооти махсуси дуӣ.

Дар ибтидо компютер танҳо барои коркарди иттилооти ададӣ хизмат мерасонид. Вале ба зудӣ маълум гашт, ки имкониятҳои компютер хеле васеъ будааст. Аз тарафи дигар, набояд фаромӯш кард, ки имкониятҳои компютер беохир нест. Вай дар он соҳаҳое самараи хуб дода метавонад, ки истифодааш дар онҳо амалан собит гаштааст. Соҳаҳои татбиқи имрӯзаи технологияҳои компютерӣ намудҳои дар боло овардашудаи иттилоот ба шумор мераванд. Мутаасифона, тараққиёти минбаъдаи техникаи компютерӣ танҳо ба коркарди ҳаҷми зиёдтари ҳамин намуд иттилоотҳо меоварaду халос [15; 16].

Хосиятҳои иттилоот.

Дарёфти иттилоот – ин ба даст овардани далел, маълумот ва додашудаҳо дар бораи хосиятҳо, сохтор ё алоқамандии объектҳо ва рӯйдодҳои муҳити атрофи мо мебошад.

Мазмуни моддии иттилоот имкон медиҳад, ки хосиятҳои асосии он – саҳеҳӣ, мукаммалӣ, муҳимӣ, актуалӣ, аниқӣ, дастрасӣ, кӯтоҳӣ ва фаҳмогӣ равшан карда шаванд.

Иттилоот саҳеҳ (мӯътамад) ҳисоб карда мешавад, агар вай вазъи аслро мутлақо дуруст тасвир намояд. Иттилооти носаҳеҳ боиси хатофаҳмии рӯйдод ва қабули қарорҳои нодуруст мегардад.

Иттилоот мукаммал (пурра) шумурда мешавад, агар вай барои фаҳмиши вазъи асл ва қабули қарори дахлдор кифоя бошад. Нопуррагии иттилоот монеаи қабули қарорҳо ва сабаби роҳдиҳӣ ба хатоҳо мегардад.

Муҳиммии (арзандагии) иттилоот дар он зоҳир мегардад, ки бо ёрии он кадом масъалаҳо ҳал карда мешаванд.

Иттилоот актуалӣ (рӯзмара, замонавӣ) ҳисобида мешавад, агар вай дар шароити доимо тағйирёбанда воқеиятро дуруст инъикос намояд.

Иттилоот фаҳмо (возеҳ, аён) шумурда мешавад, агар вай тарзе ифода шуда бошад, ки дастраси истифодабаранда бошад.

Иттилоот аниқ ҳисобида мешавад, агар вай дараҷаи беҳтарини наздикии вазъи аслии объект, раванд ё рӯйдодро инъикос намояд [21].

## 2.2. Мафҳуми Консепсияи саводнокии итилоотӣ

Тақвияти тавоноии илмии кишвар, ҷорӣ намудани ихтироот дар истеҳсолот, таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои илмӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот, ҷалби бештари истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир, ба корҳои эҷодӣ ва техникӣ муҳимтарин вазифаҳои соҳаи илм ва маориф мебошанд. (Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, декабри соли 2018)

Татбиқи сиёсати соҳаи маориф пеш аз ҳама ба татбиқи барномаҳои давлатӣ вобаста аст. Бахусус Барномаи давлатии татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 №443 аз 29 сентябри соли 2017, ки бо мақсади таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таҳия шудааст [6].

Барнома ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя карда, ҳадафҳо, афзалиятҳо ва тадбирҳо ва чораҳои рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК)-ро дар муассисаҳои таълимӣ муайян мекунад. Ҳуҷҷат самтҳои афзалиятноки рушди татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар муассисаҳои таълимиро инъикос намуда, ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мутобиқат дорад.

Имрӯз, яке аз мушкилоти муҳим дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон рушди саводнокии иттилоотӣ дар байни хонандагон мебошад. Саводнокии иттилоотӣ на танҳо қобилияти ҷустуҷӯи иттилоот бо истифода аз нигаҳдорандаҳои электронии маълумот, фиттаҳои видео ва аудио, низоми картотека, намудҳои гуногуни нишонаҳо, балки қобилияти роҳёбӣ дар ҷаҳони доимо тағирёбандаи технологияҳои нав ва афзоиши доимии ҳаҷми иттилоот мебошад. Мавҷудияти ҷараёни васеи иттилоот худ аз худ наметавонад корбарони таҳсилдидаро бидуни маҷмӯи иловагии дониш ва малакаҳои зарурӣ барои истифодаи самараноки иттилоот ташаккул диҳад.

Ба ибораи дигар, саводнокии иттилоотӣ яке аз муҳимтарин таркиботи қобилияти омӯхтан мебошад.

Саводнокии иттилоотӣ маҷмӯи ҳунару малакаҳои хонанда аст, ки ба ӯ имкон медиҳад, ки дар сатри ҷустҷӯи иттилоот саволро ворид кунад, маълумоти заруриро ёбад, онро интихоб намояд, баҳогузорӣ карда, сари он кор барад, иттилооти боэътимод таҳия ва мубодила кунад.

Мутаассифона, бояд эътироф кард, ки дар айни замон *танҳо* як муассисаи таҳсилоти умумӣ огоҳии компютерии хонандагон ва дар беҳтарин ҳолат, саводнокии компютерии онҳоро таъмин мекунад. Таҳсилот бояд ба ояндае равона шавад, ки аз шахс бо ҷараёни зиёди иттилоот самаранок кор карданро талаб мекунад. Имрӯзҳо ҳунари дарк, таҳриру коркарди иттилоот махсусан муҳиманд. Фаҳмиши муосири таҳсилоти босифат тавоноии кор бо технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро дар назар дорад. Аз ин рӯ, таълими мактабиро бояд ба фароҳам овардани шароит барои ташаккули қобилияти муайян кардани манбаъҳои имконпазири интихоби иттилоот ва стратегияи ҷустуҷӯи он дар хонандагон равона кард. Рушди саводнокии иттилоотӣ бояд ба инкишофи қобилияти фикркунӣ, тафсир ва истифода кардани иттилоот нигаронида шавад. Муҳимтарин ҳунарҳое, ки бояд дар раванди таълим дар хонандагонон ташаккул ёбанд, ин шакл додани фикри шахсӣ ва қобилияти худбаҳодиҳии онҳост; дарк кардани он, ки **саводнокии иттилоотӣ** на танҳо як дарси навбатӣ аз зумраи фанҳои дигар, балки **малакаи** барои ҳаёт **зарур** аст, он яке аз ҷузъҳои **фарҳанги иттилоотӣ** ва дар маҷмӯъ фарҳанги инсонӣ мебошад.

Истилоҳи фарҳанги иттилоотӣ дар нашрияҳои илмӣ дар СССР бори аввал солҳои 70-уми асри XX пайдо шуд; ташаббускори паҳн ва маъмул сохтани ин консепсия коргарони китобхонаҳо гардиданд. Яке аз аввалин асарҳое, ки дар он ин истилоҳ истифода шудааст, мақолаҳои библиографҳо К.М. Войханская ва Б.А. Смирнова «Китобдорон ва хонандагон дар бораи фарҳанги иттилоотӣ» (Китобхона ва иттилоот, 1974) ва Е.Л. Шапиро «Дар бораи роҳҳои кам кардани номуайянии дархостҳои иттилоотӣ» (маҷаллаи Китобхонаҳои илмӣ ва техникии СССР, 1975) мебошад. Мафҳуми фарҳанги иттилоотӣ дар соҳаи китобдорӣ ва китобшиносӣ ба вуҷуд омада, дар рафти инкишофи худ донишҳоро аз як қатор илмҳо: назарияи иттилоот, кибернетика, информатика, семиотика, филмҳои ҳуҷҷатӣ, фалсафа, мантиқ, фарҳангшиносӣ, забоншиносӣ ва ғайра дар бар мегирифт.

Мафҳуми саводнокии иттилоотӣ ва истилоҳи ба он мувофиқу дахлдори «Information Literacy» (Саводи иттилоотӣ) соли 1977 дар ИМА ҷорӣ карда шуд. Дар таҳияи ин мафҳум Ассотсиатсияи Китобдорони Амрико саҳми назаррас гузоштааст, ки фаҳмиши он шахси дорои саводнокии иттилоотӣ мебошад, ки қодир аст маълумотро муайян кунад, ҷойгир ва арзёбӣ намояд ва онро ҳарҷӣ самаранок истифода барад. Инкишофи минбаъдаи худро истилоҳи саводи иттилоотӣ дар асари фаъолияти Федератсияи байналмилалии ассотсиатсияҳо ва муассисаҳои китобдорӣ (IFLA) ба даст овард. Соли 2002 дар Иҷлосияи 68-уми Конфронси генералии ин созмон дар Глазго, бахши нав - бахши саводнокии иттилоотӣ таъсис дода шуд, ки вазифаи он муайян кардани стандартҳои саводнокии иттилоотӣ, ки дар китобхонаҳо ва кишварҳои гуногун мавҷуданд ва дар асоси он муқаррар кардани стандарти ягонаи байналмилалии саводнокии иттилоотӣ аст. Соли 2006 дар Сеул дар 72-юмин Конгресси умумиҷаҳонии китобдорӣ ва иттилооти IFLA форуми бози ЮНЕСКО баргузор гардид. Форум аз таъсиси як эътилофи стратегӣ байни IFLA ва ЮНЕСКО барои амалӣ намудани қарорҳои Саммити Ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ, аз ҷумла, дар робита фаъолияти китобхонаҳо, дар қатори дигар соҳаҳои муҳим ва ҳалли мушкилоти саводнокии иттилоотӣ эълом дошт.

Нашр шудани китоби «Роҳнамои саводнокии иттилоотӣ барои омӯзиши якумрӣ», ки Ҳесус Лау, раиси бахши саводнокии иттилоотии IFLA омода карда буд,як таҳаввулоти назаррас дар охири соли 2006 шуд [41]. Ин дастур мавзӯъҳои зеринро дар бар мегирад:

- мафҳуми саводнокии иттилоотӣ ошкор шуд;
- муносибати саводнокии иттилоотӣ ва таълим дар тӯли ҳаёт баррасӣ гардид;
- стандартҳои байналмилалии саводнокии иттилоотӣ оварда шуданд; иштироки муассисаҳои таълимӣ дар омӯзондани саводнокии иттилоотӣ шарҳ дода мешавад;
- зарурати такмили ихтисоси педагогии китобдороне, ки ба таълими саводнокии иттилоотӣ ҷалб карда шудаанд, исбот карда шудааст;
- тавсифи ташкил ва идоракунии раванди таълим барои омӯзондани саводнокии иттилоотӣ, аз ҷумла омӯзиши назарияи таълим ва арзёбии фаъолияти таълимӣ дода шудааст.

Тибқи ин дастур,саводнокии иттилоотӣ маҷмӯи салоҳиятҳое мебошад, ки барои ба даст овардан, фаҳмидан, арзёбӣ кардан, мутобиқ гардонидан, нашр, нигоҳдорӣ ва пешниҳод кардани иттилооте заруранд, ки барои таҳлили мушкилот ва қабули қарорҳои мувофиқ истифода мешаванд.

Инчунин таърифи дигаре низ мавҷуд аст: саводнокии иттилоотӣ ин қобилияти дарк кардани зарурати дарёфти иттилоот, инчунин пайдо, арзёбӣ, истифодаи самаранок ва паҳн кардани иттилоот дар форматҳои гуногун мебошад [37].

**Одамони дорои саводнокии иттилоотӣ** соҳиби чунин **малакаҳои бунёдӣ**, аз қабили тафаккури интиқодӣ, қобилияти таҳлили иттилоот ва истифодаи он барои ифодаи худ, қобили омӯзиши мустақилона, эҷоди хабар, омодагӣ ба як шаҳрванди огоҳ ва мутахассис будан, иштирок кардан дар фаъолияти давлатӣ ва равандҳои демократии дар ҷомеа ҷараёндошта мебошанд.

Одамони дорои саводнокии иттилоотӣ чӣ гуна ҷамъ овардан, истифода намудан, ташкил, синтез ва эҷод кардани хабар ва маълумотро мутобиқи меъёрҳои ахлоқӣ медонанд. Ин салоҳиятҳо дар ҳама гуна заминаҳои таълимӣ, аз ҷумла дар муҳити таҳсилотӣ ё касбӣ ва ё барои рушди худ қобили истифода мебошанд. Аз ин рӯ, вазифаи мо аз он иборат аст, ки ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ *дуруст* арзёбӣ кардани маълумоти воридшавандаро омӯзем.

### 2.3. Малакаҳои саводнокии иттилоотӣ

Дар ин бахш мехостем диққати Шуморо ба нуктаҳои зерин ҳангоми кор бо иттилоот ҷалб намоем.

Фаҳмидани ниёзҳои иттилоотӣ: ман чиро ёфтан мехоҳам? Ман кадом масъаларо ҳал карданӣ ҳастам?

Манбаъҳои иттилоотро муайян кардан: чиро бояд истифода кард: шабакаи ҷаҳонии Интернет, китобҳо, телевизион ё дигар манбаъҳои иттилоотро? Манбаъҳои аввалия, дуюмдараҷа ё сеюмдараҷа?

Ҷойгиршавии иттилоотро муайян кардан: маълумотро аз куҷо ёфтан мумкин аст? Кӣ кӯмак карда метавонад?

Сифати иттилоотро таҳлил ва арзёбӣ кардан: то чӣ андоза эътимоднок будани ин иттилоотро чӣ гуна бояд фаҳмид?

Ташкил, ҳифз ё бойгонӣ кардани иттилоот: чӣ гуна иттилооти аз манбаъҳои гуногун ба даст омадаро мураттаб сохтан.

Истифодаи муассир ва пурсамари иттилоот мувофиқи меъёрҳои ахлоқӣ,: ман бояд чӣ гуна амал кунам, ки ҳуқуқи муаллифии таҳқикунандагони иттилоотро риоя кунам?

Эҷод ва мубодилаи донишҳои нав: маълумоти маро чӣ гуна метавон пешниҳод кард?

Одами дорои саводнокии иттилоотӣ инчунин медонад, ки кай бояд ҷустуҷӯи маълумотро хотима бахшад. Ҷамъ овардани ҳамаи маълумоти дастрас ғайриимкон аст.

Сарфи назар аз он ки манбаъҳои зиёди дигари иттилоот мавҷуданд, саводнокии иттилоотӣ ба Шумо имкон медиҳад, ки лаҳзаи ҷамъоварии миқдори кофии иттилоот ва ба авҷи он расиданро, ки пас аз расидан ба он азхуд кардани маълумоти нав мушкил аст, муқаррар намоед.

Саводи иттилоотӣ бо дигар намудҳои шабеҳи савод низ алоқаманд аст, бинобар ин онро фарқ кардан лозим аст. Ин алалхусус ба дониши технологияҳои иттилоотӣ, саводнокии шабакавӣ, саводнокии рақамӣ, Интернетӣ, саводнокии компютерӣ ва саводнокии расонаӣ алоқа дорад [38]. Ду намуди охири саводро Форест Хортон ин тавр муайян кардааст [42].

**Саводи компютерӣ** - дониш, малака ва ҳунарҳое, ки барои фаҳмидани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК), аз ҷумла дастгоҳҳо, сахтафзор, нармафзор, системаҳо, шабакаҳо (шабакаҳои маҳаллӣ, Интернет) ва ҳамаи дигар унсурҳои компютерҳо ва системаҳои телекоммуникатсионӣ заруранд.

**Саводи расонаӣ (медиавӣ)** - дониш, малака ва ҳунарҳое, ки барои фаҳмидани ҳама гуна васоити (оммавии) муошират ва форматҳое, ки дар онҳо эҷод, ҳифз, интиқол ва пешниҳоди маълумот, иттилоот ва донишҳо заруранд (масалан, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, радио ва телевизион, васоити интиқоли ноқилии иттилоот) маълумот, CD, DVD, телефонҳои мобилӣ), форматҳои матнӣ ё графикӣ (PDF, JPEG ва ғайра) зарур мебошанд.

Бояд қайд кард, ки якчанд таърифи саводнокии иттилоотӣ аз ҷониби ассотсиатсияҳо ва муаллифони алоҳида пешниҳод шудааст. Тибқи тафсире, ки Ассотсиатсияи китобхонаҳои мактабҳои Амрико (AASL) ва Ассотсиатсияи коммуникатсияҳо ва технологияи омӯзишӣ пешниҳод кардаанд, «саводи иттилоотӣ, ки маънои пайдо кардан ва истифода бурдани иттилоотро дорад, асоси омӯзиш дар тӯли умр мебошад» [36]. **AASL** инчунин мефаҳмонад, ки «хонандаи саводнокии иттилоотӣ дошта, маълумотро самаранок ва муассир интихоб мекунад, ба иттилоот аз нигоҳи интиқодӣ ва салоҳиятнокӣ баҳо медиҳад ва онро дақиқ ва эҷодкорона истифода мекунад [36]. Истифодабарандагони иттилоот «бояд стратегияҳои ҷамъоварии иттилоотро донанд ва малакаҳои тафаккури интиқодӣ дошта бошанд, то маълумотро интихоб кунанд, синтез карда, дар шакли нав барои ҳалли масъалаҳои воқеӣ» бароранд. [36] Ин таърифи саводнокии иттилоотӣ аз доираи малакаҳои китобдорӣ ва инчунин малакаҳо ва стратегияҳои ҷудогонае фаротар меравад, ки зимни истифодаи

иттилооти мураккаб, аз сарчашмаҳои гуногун бо мақсади ошкор намудани мундариҷа ва ҳалли мушкилот ҷамоварӣ шудаанд [44].

Кӯшиши муайян намудани таърифи саводнокии иттилоотӣ дар солҳои охир асосан аз ҷониби китобдорон ва коршиносони соҳаи китобдорӣ сурат гирифта буд. Дар мафҳумҳои пешниҳодшуда аз фарқият дида, монандӣ бештар аст [49]. Бештар ва маъмултар аз ҳама ин таърифи саводнокии иттилоотӣ иқтибос оварда мешавад, ки онро Ассотсиатсияи Китобхонаҳои Амрико қабул кардааст: «Одами дорои саводнокии иттилоотӣ маънои онро дорад, ки шахс қобилияти дарки матлуб будани иттилоотро дорад ва метавонад онро ёбад, арзёбӣ карда, самаранок истифода кунад. Одамони дорои саводнокии иттилоотӣ одамоне мебошанд, ки омӯхтанро ёд гирифтанд» [34]. Онҳо медонанд, ки чӣ гуна бояд омӯзанд, зеро хабар доранд, ки чӣ гуна дониш ташкил карда шудааст, чӣ гуна маълумотро пайдо кунанд ва чӣ гуна маълумотро истифода баранд, ки дигарон аз онҳо таълим гиранд [36]. Новобаста аз он ки мо кадом таърифи истилоҳи «Саводи иттилоотӣ» - ро афзалтар медонем, таърифи қабулкардаи ALA ба таври кофӣ васеъ аст, ки тамоми спектри малака ва ҳунарҳои иттилоотиро аз дониши анъанавӣ то системаҳои ҷустуҷӯии технологияҳои баланд фаро мегирад ва эҳтимол дорад, ки ин таъриф боз тӯли даҳсолаҳо мавриди истифода қарор гирад [37].

Тибқи гуфтаи МакКензи Ҷ (McKenzie J), шахси дорои саводнокии иттилоотӣ аз қобилиятҳои зерин бархӯрдор аст:

- ҷустуҷӯ: қобилияти ёфтани маълумоти мувофиқ, таҳлилу таҷзия кардан ва чизҳои заруррро интихоб намудан;
- тафсир: қобилияти табдил додани маълумот ва иттилоот ба дониш, дурандешӣ ва дарк;
- тавлиди ғояҳои нав: инкишофи ғояҳои нав/фарзияҳо [47].

Шаҳрванди салоҳиятдор, новобаста аз он ки хонанда, мутахассис ё коргар мебошад, қодир аст, ки ниёзҳои иттилоотии худро дарк кунад, онро дарёфт намояд, дастрасӣ пайдо кунад, ҷамъ, арзёбӣ ва ташкил карда, маълумоти заруриро истифода барад. Барои шахси дорои саводнокии иттилоотӣ шудан, бояд донист, ки чӣ гуна метавон аз ҷаҳони дониш баҳра гирифт ва таҷрибаи дигаронро ба дониши худ зам кард.

Якчанд мафҳум вуҷуд дорад, ки ҷузъи консепсияи мафҳуми саводнокии иттилоотӣ мебошанд ва ё онро пурра мекунанд. Ҳар яки онҳо мундариҷаи маънои худро доранд ва аз дигарон бо хусусияти малака ва ҳунарҳо, сатҳ, категорияи маълумот ва усул фарқ мекунанд. Консепсияҳои сершуморро дар худ гирифта, саводнокии иттилоотӣ аз доираи таҳсилоти қаблии китобдорӣ ва барномаҳо доир ба баланд бардоштани малакаҳои иттилоотӣ баромада, ба мафҳуми муосири саводнокии иттилоотӣ табдил ёфт. Саводнокии иттилоотӣ барои тавсифи раванди ҷустуҷӯи иттилоот ва салоҳиятҳои иттилоотии корбар истифода мешавад.

***Чизи асосӣ дар саводнокии иттилоотӣ*** истифодаи иттилоот мебошад, яъне донишомӯзон бояд салоҳиятҳои (малакаҳои) иттилоотии худро барои омӯзиши муваффақ инкишоф диҳанд.

Пешниҳод менамоем, ки сифатҳои зеринро, ки марбут ба саводнокии иттилоотӣ мебошанд баррасӣ кунед:

сатҳи иттилоотии рушди инсон: доштан ё ба даст овардани салоҳиятҳои иттилоотӣ;

таълими корбарон: муносибати глобалӣ ба таълими иттилоотӣ барои истеъмолкунандагони иттилоот;

таълими китобдорӣ: асосан омӯзонидани малакаҳои илми китобдорӣ;

омӯзиши библиографӣ: ба корбарон омӯзонидани ҷустуҷӯ ва дарёфти иттилоот;

салоҳиятҳои иттилоотӣ: мувофиқати малакаҳо бо ҳадафҳои саводнокии иттилоотӣ;

малакаҳои иттилоотие, ки ба соҳаи амалии фаъолият нигаронида шудаанд;

рушди малакаҳои иттилоотӣ - мусоидат ба ин раванд.

### 2.4. Малакаҳои ҷустуҷӯ ва интихоби иттилоот

Малакаҳои ҷустуҷӯ ва интихоби иттилоот бо салоҳиятҳое, ки бо равандҳои тафаккури олӣ, мисли арзёбӣ, тафсир ва истифодаи иттилоот вобастаанд, ҳамсон нестанд. Усулҳои омӯзиш дар маориф дар тӯли зиндагӣ ва назарияҳои таълим дар ин самт ба омӯзиши саводнокии иттилоотӣ таъсир расонидаанд. Усули таҳқиқотии омӯзгор дар чараёни таълим эҷод намудани формати нави пешниҳоди маводи таълимиро асоси худ қарор медиҳад: яъне тавассути таҳқиқоту андешаронии фаъол расидан ба хулосаи мантиқӣ ва таҳлил ба ҷои кӯр-кӯрона аз ёд кардани далелҳои лексияҳои таълимӣ . Маълум аст, ки чунин усули омӯзгорӣ саводнокии иттилоотиро тақозо мекунад ва сифати омӯзиши хонандагонро боло мебарад. Мақсади асосӣ азхуд кардани «таҷрибаи педагогӣ»-и бо истифода аз усулҳои гуногун расидан ба натиҷаҳои пешбинишудаи омӯзиш мебошад, то донишомӯзон тавонанд ҳарчи бештар усулҳои таълимро баҳо диҳанд ва аз худ кунанд [38].

Ба Шумо машқҳои кӯтоҳеро барои таҳияи алгоритми амалҳо ҳангоми кор бо иттилоот пешниҳод менамоем.

**Машқи №1**. Тамоми фаъолиятҳои худро дар давоми рӯз, аз бедор шудан то хоб рафтан нависед. Барои ҳар як амал иттилоотеро, ки барои Шумо зарур буд, нишон диҳед. Масалан, барои интихоби либос, Шумо бояд иттилоот оид ба обу ҳаво дошта бошед, барои сафар ба воситаи нақлиёт, ҷадвал ва хатсайрҳоро донед ва ғ. Дар ҳаёти рӯзмарраи Шумо иттилоот чӣ нақш мебозад? Қабули кадом қарорҳо бидуни иттилоот душвор хоҳад буд?

**Машқи № 2**. Аз блогҳо ва викисайтҳои гуногун, ки аз ҷониби шахсони алоҳида ё гурӯҳҳо сохта шудаанд, дидан кунед. Дар чорчӯби ин васоити ахбори онлайн чӣ гуна маълумот мубодила мешавад? Ин маълумот ба кадом мақсад истифода мешавад? Кӣ маълумот медиҳад? Чаро онҳо ин корро мекунанд?

Истилоҳоти асри XXI «иттилоот», «саводнокии иттилоотӣ», «ТИК» ва «салоҳиятҳои калидӣ» аксар вақт дар мубоҳисаҳои гуногуни ҷомеаи дар заминаи иттилоот ва дониш асосёфта, мавриди истифода қарор мегиранд. Ба шаҳрвандон салоҳиятҳои ҷадид (дониш, малака ва назарҳо) лозиманд, ки тавонанд дар ҳаёти ин ҷомеа ширкат варзанд ва саҳми муайян гузоранд.

Чунин ба назар мерасад, ки ин истилоҳҳо бояд қабл аз оғози омӯзиш шинос ва фаҳмо бошанд ва бояд аз муайян кардани иттилоот шурӯъ кунед.

**Супориши 1**. Барои фаҳмидани ин таъриф, дар гурӯҳ бояд вазифаи зерин иҷро карда шавад.

Таърифи Иттилоот.

Маълумот ин додаҳои ҷамъ, коркард ва тафсиршуда барои пешниҳоди оқилона мебошад.

Маълумот чизест, ки моро тағйир медиҳад.

Маълумот чизе аст, ки бо расидан ба шуури одам дониши ӯро зиёд мекунад.

Маълумот ин ҳамон додаҳоест, ки барои шахс маъно дорад ва дорои арзиши воқеӣ ё эҳтимолӣ барои амалҳои ҷорӣ ё оянда мебошад.

Ба назари Шумо, чӣ умумияте дар ин таърифҳо мавҷуд аст. Оё Шумо ин таърифҳоро дар асри XXI муҳиму қобили таваҷҷӯҳ мешуморед? Аломатҳои дигари иттилоотро ёбед. Оё Шумо мафҳумҳои васеътари ин истилоҳро ёфта метавонед?

**Супориши 2**. Мафҳумҳои зерини истилоҳи саводнокии иттилоотиро муқоиса кунед.

Саводнокии иттилоотӣ - ҳуқуқи бунёдии инсон дар ҷаҳони иттилоотӣ мебошад.

Саводнокии иттилоотӣ - ин маҷмӯи маҳорату малакаҳои инфиродӣ мебошад, ки барои муадабона ва мухтасар шинохтан, арзёбӣ ва истифода бурдани иттилоот дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва намудҳои фаъолият заруранд.

Саводнокии иттилоотӣ имконияти истифодаи дурусти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро фароҳам месозад.

**Супориши 3**. Сатҳҳои саводнокии иттилоотиро номбар кунед:

фаҳмидани ниёзҳои иттилоотӣ;

интихоби манбаъҳои иттилоотӣ;

ҷустуҷӯи маълумот;

таҳлил ва арзёбии сифати иттилоот;

нигоҳдорӣ ва бойгонӣ намудани иттилоот;

истифодаи иттилоот бо риояи меъёрҳои этикӣ;

ташкил ва интиқоли донишҳои нав.

**Супориши 4**. Марҳилаҳои саводнокии иттилоотиро муҳокима намоед [42].

**Супориши 5**. Омӯзгорон ва ё мураббиён рӯйхати малакаҳои калидиро барои ҳар як марҳилаи саводнокии иттилоотӣ омода кунанд. Онро то чӣ андоза дар ҳолатҳои гуногуни марбут ба ҳалли мушкилот истифода бурдан мумкин аст? Чӣ тавр маълумотро барои ҳалли мушкилот ё қабули қарор бояд муайян намуд (масалан, маълумоте, ки дар тавсия барои ҳалли мушкилоти молиявӣ оварда шудааст)?

Манбаъҳои иттилоотро ба **се гурӯҳи** асосӣ тақсим кардан мумкин аст:

манбаъҳои ибтидоӣ, дуюмдараҷа ва сеюмдараҷа.

Ин манбаъҳои маълумотро омӯзгорон ва ё мураббиён бояд тавсиф кунанд ва мисолҳои мувофиқ биёранд.

***Ҷомеае, ки бар иттилоот ва дониш асос ёфтааст***.

Дар айни замон, дар тарзи фаъолияти ҷомеа тағйироти амиқ ба амал омаданд. Зери таъсири рушди босуръати технологияҳо, иттилоот ва дониш қувваи пешбарандаи ҷомеа дар тамоми соҳаҳои фаъолияти он гардидаанд. Дар натиҷа, имрӯз мо он чиро дорем, ки дар нашрияҳои илмӣ ҷомеаи иттилоотӣ ё ҷомеаи донишбунёд номида мешавад.

**Супориши 1**. Аз шабакаи Интернет шарҳи истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ»-ро пайдо кунед. Мафҳумҳои асосиеро, ки дар бунёди ҷомеаи иттилоотӣ гузошта шудаанд, тавсиф кунед. Дараҷаи мувофиқати ин мафҳумҳоро бо ҷомеаи муосир ва ҷомеае, ки мо дар он зиндагӣ ва таҳсил кардаем, муҳокима намоед. Кори ба ин монандро бо истилоҳи ҷомеаи донишбунёд анҷом диҳед. Байни ин ду истилоҳ чӣ умумият мавҷуд аст ва онҳо аз якдигар бо чӣ фарқ мекунанд?

**Супориши 2**. Омӯзгорон ва ё мураббиён бо такя ба донишҳои худ дарки шахсии саводнокии иттилоотиро баён намоянд; се сабаби муайянкунандаи зарурати доштани малакаҳои саводнокии иттилоотиро барои зиндагӣ кардан дар ҷомеаи иттилоотӣ муайян намоед.

**Супориши 3**. Омӯзгорон ва ё мураббиён нақша кашанд ва шарҳи худро оид ба муносибати байни иттилоот, ҷомеаи иттилоотӣ, ТИК, сарбории иттилоотӣ, саводнокии расонавӣ ва иттилоотӣ пешниҳод кунанд.

**Супориши 4**. Омӯзгорон ва ё мураббиён бо толибони худ чӣ гуна сатҳи саводнокии иттилоотӣ дар тӯли ҳаёти инсон тағйир меёбад машварат гузаронда, муҳим будани ин хислатро, дар солҳои аввал ва охири таҳсилот дар Муассисаҳои Таълими Олии Касбӣ ва давраи кор аз рӯи ихтисос, фаҳмонда диҳанд. Давраи истеҳсолии иттилоот ва донишро бояд тавсиф дод. Нақш, вазифа ва масъулияти хадамоти иттилоотӣ (китобхонаҳо, бойгонӣ, шабакаи ҷаҳонии Интернет ва ғайра) дар ҷомеаро бояд таҳлил шавад. Чӣ гуна ташаккул ёфтани малакаҳои саводнокии иттилоотиро бо истифодаи воситаҳои ТИК (Технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ) муҳокима бояд намуд.

**Супориши 5**. Омӯзгорон ва ё мураббиён ба хонандагон фаҳмонанд, ки чӣ чиз аз лиҳози иттилотӣ босавод мекунад.

**Супориши 6**. Равандҳои таҳияи намудҳои гуногуни иттилоот, ҳолатҳои истифода ва арзиши он барои ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар соҳаи маориф, кор ва хоҷагидориро, муқоиса намоед.

**Супориши 7**. Атрофи яке аз ин баёнияҳо фикр кунед.

иттилоот на танҳо барои интиқол, балки барои фаъолият ё қабули қарорҳо зарур аст [50];

пешниҳод кардани иттилоот ва дастрасӣ ба иттилоот - манбаъҳои қудрат ва назорат дар ҷомеаанд;

оё бе доштани малакаи кор бо ТИК дар бораи саводнокии иттилоотӣ сухан гуфтан мумкин аст? Ба ибораи дигар, оё инсон дар сурати вуҷуд надоштани ТИК метавонад дорои саводнокии иттилоотӣ бошад?

**Супориши 8**. Муносибатро ба иттилоот муҳокима кунед. Иттилоот дар ҷомеъа чӣ гуна баррасӣ ва арзёбӣ мешавад? Оё Шумо муносибатро ба иттилооти чопӣ (масалан, аз рӯзномаҳои маъруф) ва ба иттилооте, ки расонаҳои электронӣ месозанд, муқоиса карда метавонед? Байни иттилоот ва қудрат, расонаҳои чопӣ ва электронӣ чӣ гуна иртиботе ҳаст? Чӣ касоне паси иттилооти омодашаванда истодаанд? Оё донистани ин маълумот муҳим аст ва чаро?

**Супориши 9**. Арзиши иттилоот аз воситаҳои ахбори чопиро (рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва ғ.) ва хароҷоти вобаста ба нигоҳдории он, ҷустуҷӯ, ба даст овардан ва

истифода бурдани онро баҳогузорӣ кунед. Ҳангоми таҳқиқ саволҳои зеринро баррасӣ намоед: арзиши иттилоот вобаста бо бартариҳое, ки ба вуҷуд меоварад; арзиши воқеии иттилоот, бо назардошти дастнорас будан ё набудани он; оқибатҳои дастрас набудани иттилоот барои корбарон.

**Супориши 10.** Фоидаи малакаҳои саводнокии иттилоотиро барои мубориза бо бемориҳо, зиёд кардани ҷойҳои корӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (равоншиносон, дефектологҳо) муайян кунед.

**Супориши 11**. Бо истифода аз Интернет масъалаеро барои омӯзиш дар яке аз самтҳои зерин муайян кунед: таълими шаҳрвандӣ, илми табиӣ ва иҷтимоӣ, таърих, география. Натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар шакли презентатсияи PowerPoint пешниҳод кунед.

Пас аз презентатсия дар мавриди саволҳои зерин фикр кунед: чӣ тавр Шумо аз ин ҳаҷми умумии маълумот дар ин мавзӯъ барои презентатсияатон мавод интихоб кардед; роҷеъ ба чӣ Шумо мехостед маълумоти бештар ба даст оред, вале натавонистед ва ин чӣ тавр ба презентатсияи Шумо таъсир расонид; оё Шумо маълумоти ҷамъоваришударо мутобиқ ба қаринаи мавзӯи додашуда тағйир додаед, чӣ гуна ва барои чӣ?